# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Ёрматов Алишер Ҷолматович дар мавзӯи «Таҳқиқи технологияи педагогикаи ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти асосӣ бо оила дар тарбияи худшиносӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва маориф (илмҳои педагогӣ).**

Таҳқиқоти диссертатсионии тақризшаванда, ки ба таҳқиқи технологияи педагогикаи ҳамкории мактабу хонавода дар тарбияи худшиносии хонандагони муасисаҳои таҳсилоти асосӣ бахшида шудааст, аҳамият ва арзишмандии махсуси илмӣ дорад.

Рушду ислоҳоти соҳаи маориф, бозсозӣ ва такмили ҳамеша дар маркази диққати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хосатан сарвари давлат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз вазифаҳои муҳимтарини давлат ва ҳукумат муайян намудаанд: «Низоми маориф ҳамчун соҳаи тақдирсози ҳаёти ҷомеа дар чаҳорчӯбаи сиёсати ҷамъиятии давлат яке аз самтҳои муҳимтарини рушд эълон гардидааст…».

Дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи миллии тарбия» (2006) фарҳанги миллӣ, ҷалб намудани ҷавонон ба арзишҳои маънавӣ ва ахлоқӣ, татбиқи тарбияи худшиносию худогоҳии миллӣ нигаронида шудааст. Дар қонуни мазкур таъкид рафтааст, ки баланд бардоштани сифати таълим, таҳкими пайвастагии омӯзиш бо ҳаёт, ташаккули ҷаҳони маънавии мактаббачагон, ба омӯзиши пурраю ҳаматарафа фаро гирифтани наслҳои наврас ва дар оянда ба кори сермаҳсул – ба нафъи ҷомеа сафарбар намудани онҳо вазифаи асосӣ дар соҳаи маориф мебошад.

Мувофиқ ба талаботи мазмуни таълим бояд ба таъмини худидоракунӣ ва худшиносӣ фароҳам овардани шароит барои амалисозии он равона карда шавад. Дар ҳалли ин қазия муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ба сифати яке аз ҷузъҳои асосии соҳаи тарбия бояд мусоидат намояд. Марбут ба ин масъала, баланд бардоштани сифати

омодагии муаллимони муассисаҳои таҳсилот, бахусус, муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ниҳоят зарур аст, зеро бе дониши мукаммалу ҳаматарафа мактаббачагонро дар руҳияи майл ба хислатҳои ҳамидаи инсонӣ, худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ тарбия намудан аз имкон берун аст.

**Мақсади таҳқиқот** аз муайян кардани ҷойгоҳи тарбияи худшиносӣ дар таърихи гузаштаву муосири афкори педагогии халқи тоҷику форс иборат аст ва ба тайёр намудани наслҳи наврас дар рӯҳияи хештаншиносӣ бо назардошт ва корбандӣ намудани ҷиҳатҳои тарбиявӣ-педагогӣ таъсир мерасонад. Марбут ба мақсади таҳқиқот аз тарафи мо чунин фарзияи корӣ пешниҳод карда мешавад:

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз рӯи талаботи пешниҳоднамудаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати сохтор ва бандубаст дуруст ба тартиб даровարда шудааст. Тавсифи асосии диссертатсияро мундариҷа, номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, мубрамияти мавзӯи тахқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуъи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуҳои илмӣ, тавсифи умумии таҳқиқот, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзӯи таҳқиқот, фарзияҳои таҳқиқот, марҳила макон ва давраи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, сарчашмаҳои маълумот, заминаҳои эмпирикӣ, пойгоҳи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоли илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиби амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия, сатҳ ва ҳаҷми диссертатсия, боби якум, ки аз се зербоб, боби дуюм, ки аз се зербоб хулосаҳо, тавсияҳо рӯйхати адабиётҳо, сарчашмаҳо ва интишороти нашрияҳои довталаби дараҷаи илмӣ ва ғайра ташкил медиҳад.

Кори диссертатсионии муҳаққиқ Ёрматов А. Ҷ.-ро таҳқиқоти мустақилона иҷрошуда гуфтан мумкин аст, ки он таҳқиқи технологияи

педагогикаи ҳамкории мактабу хонавода дар тарбияи худшиносии хонандагони муасисаҳои таҳсилоти асосиро фаро гирифтааст.

Дар фишурдаи диссертатсия натиҷаи озмоиши педагогиро дар ҷадвалу диаграммаҳо возеҳу равшан аниқ намудааст. Аз осори олимону муҳаққиқони тоҷику хориҷа баръало истифода бурдааст, ки ин аз дарку дониши балани унвонҷӯ шаҳодат медиҳад.

Ҳамзамон, ӯнвонҷӯ дар кори худ қайд намудааст, ки мушкилоти дар рӯҳияи худшиносӣ тарбия ва ба воя расонидани насли наврас яке аз масъалаҳои бағоят муҳими соҳаи педагогика, психология, фалсафа, сиёсатшиносӣ ва сотсиология мебошад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дорои арзишмандии зиёд буда, омӯзишу баррасии маҷмӯии масъаларо фаро гирифта, ба яке аз масъалаҳои актуалӣ дар педагогикаи тоҷик тааллуқ дорад.

Дар кори диссертатсионӣ махсус қайд шудааст, ки дар рӯҳияи ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, хештаншиносию худогоҳии миллӣ ба воя расонидани наслҳои наврасу ҷавон ва рушди ҷомеаи демократӣ яке аз мақсадҳои асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Тоҷикистони соҳибистиқлол айни замон дар ҷомеаи кунунии ҷаҳонӣ бо таърих ва фарҳанги бойи худ мавқеи шинохтаро ишғол менамояд.

Аз ин рӯ, муаллимони муассисаҳои таҳсилоти асосиро, ки дар таълиму тарбияи хислатҳои ҳамидаи инсонӣ нақши асосӣ мебозанд, зарур аст, ки тавассути дониши баланд ва таҷрибаи бойи педагогӣ ба ҷаҳони маънавии мактаббачагон таъсир расонида, дар ҳифз кардану рушди ин дастовардҳо ҳиссагузор ва идомабахши музаффарияти насли бузургсоли худ бошанд.

**Вазифаҳои таҳқиқот**: аз таҳқиқи тарбияи худшиносӣ дар афкори педагогии ниёгон ва муайян намудани ҷойгоҳи он дар муассисаҳои таҳсилоти асосӣ аз инҳо иборат мебошад:

1. Шароити воқеӣ, мадании зуҳурёбӣ ва инкишофи ақидаҳои марбут ба тарбияи худшиносӣ дар асрҳои гузаштаву муосири тоҷику форс.

2. Манбаъ ва сарчашмаҳои асосии пайдоиш ва инкишофи тарбияи худшиносӣ.
3. Хусусиятҳои умумӣ ва ақидаҳои мутафаккирон нисбат ба тарбияи худшиносӣ.
4. Аниқ намудани масъалаҳои бамиёнгузоштаи олимону мутафаккирони шинохта марбут ба масъалаҳои назарию амалии таълиму тарбияи насли наврас.

Нуқтаҳои алоҳида ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 20 мақолаҳои илмӣ ва таълимӣ инъикос ёфтаанд.

Кори диссертатсионии унвонҷӯйи кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ саромӯзгор Ёрматов А. Ҷ. дар мавзӯи «Таҳқиқи технологияи педагогикаи ҳамкории мактабу хонавода дар тарбияи худшиносии хонандагони муасисаҳои таҳсилоти асосӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва маориф (илмҳои педагогӣ) арзанда мебошад.

Маълумот барои тамос: Суроға: 734003, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, тел./факс (992 37) 224-17-86, 228-92-20, www.apa.tj, info@apa.tj

Ноиби якум, ноиби ректор
оид ба таълим н.и.п. Сафарзода Д.Ҷ.

Имзои номзади илми педагогӣ
Сафарзода Д. Ҷ. ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо,
коргузорӣ ва корҳои махсус Бобозода О.О.

06.09.2022